## Тренинг баъди бозгашт аз сафари тадқиқотӣ дар Донишгоҳи Коимбраи Португалия

27 марти соли ҷорӣ баъди бозгашт аз сафари тадиқотии сармутахассиси бахши кор бо шаҳрвандони хориҷии шуъбаи робитаҳои байналмилалии донишгоҳ ва ҳамзамон ассистенти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ Файзуллоев Комрон, ки дар чаҳорчубаи лоиҳаи “Тадқиқоти Қафқоз ва Осиёи Марказӣ оид ба навоварии иҷтимоӣ: кумак ба рушд, навоварӣ ва дигаргунсозии иҷтимоӣ”-и барномаи чорчубии Ҳоризон Аврупо анҷом ёфт, тренинги омӯзишӣ дар факултети муносибатҳои байналхалқӣ гузаронида шуд. Файзуллоев Комрон дар ин сафар маркази тадқиқотии “Шарқ”-и факултетро намояндагӣ мекард. Дар рафти тренинг ба муҳаққиқони ҷавони факултет вобаста ба сафари тадқиқотӣ маълумоти лозима дода шуда, таъкид гардид, ки чунин гуна сафарҳо ба рушди малакаҳои касбӣ, сайқал додани забондонӣ ва таҳкиму тақвияти корҳои тадқиқотӣ мусоидат менамоянд. Дар охир мавсуф ба ҳозирин роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни сафари худ, аз қабили пайдо намудани донишгоҳи муносиб, интихоби кори тадқиқотӣ, муҳимияти иштирок дар конфронсҳо, имконияти гузаштани дарс дар ин донишгоҳ, нашри кори илмӣ дар маҷаллаи Скопус ва дигар масъалаҳо маълумоти муфассал дода, барои муҳаққиқони баъдии ин лоиҳа, ки ба қарибӣ озими Аврупо мешаванд, машварату маслиҳатҳои муфид доданд.